# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзӯи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шӯравӣ ва пасошӯравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст

1. Институти никоҳ ҳамчун институти марказии соҳаи ҳуқуқи оилавӣ ва сохтори муҳимми ҷомеаи инсонӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Ҳануз дар низомҳои таърихии ҳуқуқи миллӣ никоҳ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта ба тарзи хос танзим мегардид. Никоҳ дар масири таърих, хосатан дар замони шуравӣ таҳаввули ба худ хосро аз сар гузаронидааст, ки омӯзиши он дар такмилу ташаккули институти мазкур дар замони муосир муосидат менамояд. Ислоҳоти никоҳ, махсусан, дар ибтидои давраи шуравии таърихи Тоҷикистон хеле ҷиддӣ ва назаррас буд, чун шакли нави танзими ҳуқуқиро тавассути меъёрҳои расмии ҳуқуқӣ ба роҳ монд. Вобаста ба ҳамин шароит таҳқиқи инкишоф ва рушди институти никоҳ дар низоми ҳуқуқии шуравӣ ва замони соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Яке аз паҳлуҳои масъалаи мавриди назар, ки мубрамияти таҳқиқоти мазкурро ифода менамояд, арзишнокии никоҳ дар замони муосир ва таҳқиқи сиёсати давлатии танзими он мебошад. Масъалаи оила, танзими муносибатҳои акди никоҳ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор дорад. Дарки равандҳо муосири муносибат ба никоҳ ва оила, шарту шароити бекор кардани он, муносибатҳои молумулкӣ, меърос, фарзандхонӣ ва дигар муносибатҳои ба муносибатҳои оилавӣ алоқаманд таҳқиқи ҷидди назариявӣ-ҳуқуқиро тақозо мекунанд.

Дигаргуниҳои куллие, ки дар ҳаёти иҷтимоии муосир дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт ва идеология ба амал меоянд, ба соҳаи давлатию демографӣ, хусусан, ба муносибатҳои никоҳ ва оилавӣ низ бетаъсир намемонанд. Аз ин рӯ, барои танзими дурусти институти никоҳ, мувофиқ ба фарҳангу тамаддуни миллии халқи тоҷик рушд намудани он чораҳои таъхирнопазир андешида шуда истодаанд. Бо ин мақсад сиёсати мукаммали давлатӣ андешида шуда, барномаҳо ва стратегияҳои милли рушд дар Ҷумҳурии точикистон роҳандозӣ шуда истодаанд, ки таҳқиқоти мукаммали илмиро тақозо менамоянд.

2. Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ. ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия кор илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯйро нишон медиҳад.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисосҳои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, № 16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй баён шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Файззода М.Р. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият давроварда шудаанд, ки аз риоя шудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-уми Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба роҳбарӣ гирифта,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертасияи Файззода Моҳинав Раҷаб дар мавзӯи «Инкишофи институти никоҳ дар Тоҷикистони шӯравӣ ва пасошӯравӣ: таҳқиқоти назариявӣ ва таърихӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки бо корҳои илмӣ – таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муққаризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Буризода Эмомалӣ Бозор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ

ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Аминҷонов Абдураззоқ Худойшукурович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе) таъин карда шавад.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Назаров А.Қ.

Аъзои комиссия ташхис:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, аъзои комиссияи экспертӣ Диноршоҳ А.М.

Аъзои комиссия ташхис:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
аъзои комиссияи экспертӣ Иброҳимзода Д.Қ.

Имзоҳи Назаров А.Қ., Диноршоҳ А.М.
ва Иброҳимзода Д.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«11» 07. 2025